«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, доктори илмҳои филологӣ, профессор
Гулназарзода Ж. Б. _____
«14» 10 соли 2026.

ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

ба диссертатсияи Султонов Муҳаммадато Исоевич дар мавзуи ««Садои мардум» – ҳамчун нашрияи парламентӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.22. Рӯзноманигорӣ

Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Мавзуи диссертатсияи тақризшаванда ба яке аз самтҳои муҳимми илми рӯзноманигории муосири тоҷик – омӯзиши ҷанбаҳои таърихӣ, мундариҷавӣ ва жанрии нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон – «Садои мардум» бахшида шудааст. Нашрияи «Садои мардум» ба сифати аввалин нашрияи парлумонии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфта, дар як марҳилаи кутоҳ дар низоми матбуоти даврии тоҷик мавқеи намоён пайдо кардааст.

Дар ин замина, интихоби мавзуи ««Садои мардум» – ҳамчун нашрияи парламентӣ» аз нигоҳи илмӣ як пажуҳиши муҳим ва саривақтӣ дар соҳаи рӯзноманигории муосири тоҷик ба шумор меравад. Дар шароити кунунии ҷомеа, ки нақши воситаҳои ахбори омма дар ташаккули афкори ҷамъият ва муколамаи байни ҳокимият ва мардум торафт бештар мегардад, таҳқиқи фаъолияти нашрияҳои парлумонӣ аҳаммияти хосса касб мекунад. Аз ин рӯ, диссертатсия дар баробари пур намудани як холигии илмӣ, ба таҳқиқи масъалаҳои муҳимми таърихи матбуоти даврӣ ва таҷрибаи амалии рӯзноманигории тоҷик низ аз аҳаммият холӣ нест.

Муҳтавои диссертатсия пурра ба талаботи шиносномаи илмии ихтисоси 6.2.22. Рӯзноманигорӣ мутобиқат намуда, масъалаҳои назария, таърих ва амалияи рӯзноманигорӣ, хусусиятҳои нашрияи парлумонӣ, инъикоси воқеияти иҷтимоӣ дар нашрияи даврӣ, маҳорати эҷодии рӯзноманигорон ва амсоли инро фаро мегирад.

Мубрамияти мавзуи таҳқиқ. Таҳаввулоти сохтории матбуоти даврии Тоҷикистон дар давраи соҳибистиқлолӣ ва гузариш ба ҷомеаи демократӣ

зарурати амиқ омӯхтани феномени «журналистикаи парлумонӣ»-ро ба миён меорад. Дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ ва вусъати фазои иттилоотӣ, омӯзиши таҷрибаи таърихиву назариявии матбуоти сиёсӣ ва касбӣ аз нуктаи назари илми рӯзноманигорӣ аҳаммияти дучанд пайдо мекунад. Парлумони муосир бе мавҷудияти воситаҳои касбии ахбори омма, ки тавонанд равандҳои қонунгузориро барои ҷомеа фаҳмо инъикос намоянд, рушд карда наметавонад.

Мубрамияти мавзуъ, пеш аз ҳама, ба ниёзи илми рӯзноманигорӣ ҷиҳати назариякунонии матбуоти парлумонӣ асоснок карда мешавад. Дар публитсистика ва назарияи ахбори оммаи тоҷик соҳаи журналистикаи парлумонӣ ба ҳайси як самти алоҳида ва мустақил ҳанӯз ба таври комплексӣ ва пайгирона монография ё таҳқиқ нашудааст. Муайян кардани вазифаҳои типологӣ ва вижагиҳои сохтории рӯзнома ба бой гардидани назарияи матбуоти миллӣ мусоидат менамояд.

Пажуҳиши тарзи пешниҳоди маводди сиёсӣ, таҳлилӣ ва ҳуқуқӣ ба аҳолӣ нишон медиҳад, ки ВАО дар шароити ташаккули давлатдории муосир чӣ гуна метавонад фазои муколама ва ҳамдигарфаҳмиро миёни шохаҳои ҳокимият ва шаҳрвандон таҳким бахшад.

Матбуоти парлумонӣ танҳо воситаи хабаррасон нест, балки василаи калидии тарғиби донишҳои ҳуқуқӣ, шарҳу тавзеҳи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва баланд бардоштани масъулияти шаҳрвандии аҳолӣ мебошад. Омӯзиши самаранокии ин раванд барои амалияи рӯзноманигории имрӯза ниҳоят зарур аст.

Таҳқиқи аснод ва маводди дар даврaҳои гуногун ба нашр расида имкон медиҳад, ки раванди шаклгирии системаи қонунгузории кишвар ва нақши инъикоси матбуот дар таҳкими пояҳои истиқлоли миллӣ аз нигоҳи таърихи журналистика арзёбӣ гардад.

Таҳқиқи забон, услуби публитсистӣ ва усулҳои коркарди иттилооти расмиву парлумон низ имкон медиҳад, ки меъёрҳои ягонаи касбӣ барои рӯзноманигорони соҳавӣ ва хабарнигорони бахши сиёсӣ муайян карда шаванд. Ҳамин тариқ, таҳқиқи мукаммали фаъолияти нашрияи парлумонии “Садои мардум” норасоиҳои мавҷударо дар назарияи типологияи матбуоти тоҷик пур карда, барои пайдо шудани тавсияҳои амалӣ дар самти такомули журналистикаи сиёсӣ ва соҳавӣ заминаи эътимодбахш мегузорад.

Дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд. Диссертант аз таҳлилу баррасии маводди ҷамъоваришуда ба хулосе меояд, ки гузоришҳои илмӣ ва натоиҷи дар давоми таҳқиқ бадастомада дар тадриси таърихи журналистикаи тоҷик,

асосҳои фаъолияти эҷодии журналистика, журналистикаи парлумонӣ ва монанди ин дорои аҳаммияти вижа аст. Хулосаву тавсияҳои овардашуда асос ва ҷанбаи муҳимми илмӣ доранд.

Навгонии илмии диссертатсия. Дар диссертатсия бори нахуст заминаҳои пайдоиш, зинаҳои ташаккул ва таҳаввули аввалин нашрияи парлумонии ҷумҳурӣ – «Садои мардум» таҳқиқ ва арзёбӣ шудааст. Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун омили таъсиргузор ба фазои иттилоотии кишвар ва озодандешиву плюрализм баррасӣ шуда, нақши ин таҳаввулот дар шаклгирии матбуоти даврии парлумонӣ мушаххас гардидааст; вижагиҳои сохториву шаклии нашрия, аз ҷумла, ороиши саҳифаҳо, истифодаи унсурҳои графикӣ ва тарзи ҷойгиркунии матолиб мавриди таҳлил қарор гирифтааст; муносибати «Садои мардум» бо дигар расонаҳои хабарӣ ва муассисаҳои давлатӣ, инчунин, робитаҳои байналмилалии он дар заминаи ҳамкорӣ бо созмонҳои рӯзноманигории хориҷӣ ва нашрияҳои парлумонии кишварҳои дигар омӯхта шуда, хусусиятҳои хосси ин ҳамкориҳо муайян гардидааст; тамоюлҳои асосии рушди минбаъдаи нашрияи «Садои мардум» дар шароити ҷаҳонишавӣ ва густариши технологияҳои иттилоотӣ пешбинӣ шуда, роҳҳои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти он дар самти таъмини шаффофияти кори парлумон ва мусоидат ба рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ муайян карда шудааст.

Аҳаммияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои диссертатсия. Аҳаммияти назариявии диссертатсия дар он ифода меёбад, ки пажуҳиш ва равиши таҳқиқии диссертант дар омӯхтани мавзуъҳои ҳамгуни нашрияҳои парлумонӣ шинохта шавад, нақш ва мавқеи рӯзномаи «Садои мардум» дар низоми матбуоти даврии тоҷик ва фазои иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян ва мушаххас гардад. Инчунин то андозае барои равшан намудани инъикоси воқеиятҳои сиёсию иқтисодӣ, иҷтимоиву фарҳангии кишвар ва савияи касбии рӯзноманигорон ва мухбирони ин рӯзнома мусоидат карда, нуктаҳои норавшани таърихи матбуоти даврии тоҷик ва публисистикаро шарҳ медиҳад.

Аз ҷиҳати амалӣ натиҷаҳои таҳқиқ метавонанд ҳангоми омӯзиши фанҳои «Таърихи журналистикаи тоҷик», «Журналистикаи парлумонӣ», «Жанрҳои публитсистика», «Асосҳои фаъолияти эҷодии рӯзноманигорӣ», инчунин дар таҳияи китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ, фанҳои интихобӣ ва корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ истифода шаванд.

Дараҷаи эътимоднокӣ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ бо он асоснок карда мешаванд, ки дар кори диссертатсионӣ аз дастовардҳои илмӣ ва осори назариявии пажуҳишгарони ватанию хориҷӣ ба ҳадди зарурӣ истифода гардида, маълумоту сарчашмаҳо, асосан мушаххасанд.

Ҳамчунин, ҳаҷми маводди таҳқиқ, коркарди натиҷаҳо ва теъдоди интишорот дар мавзуи диссертатсия ба талаботи мавҷуда барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.22. Рӯзноманигорӣ мувофиқат менамоянд. Омузиши сарчашмаҳои матбуотӣ, интихоби дурусти методҳои таҳқиқию баррасии мавзуъ ва масъалаҳои дар бобу фаслҳои диссертатсия тарҳрезишуда ба муаллиф имкон додааст, ки хулоса ва тавсияҳои боэътимод бароварда, дурнамои мавзуъҳои таҳқиқро дуруст муайян намояд.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ бориз буда, дар баррасии омилҳои таърихии таъсиси рӯзномаи «Садои мардум», муайян намудани вежагиҳои таъйинотӣ, мундариҷавӣ ва жанрии он ба назар мерасад. Ҳамзамон таҳияи сохтории диссертатсия, таҳлилу баррасии мавзуи таҳқиқ бо мисолҳои мушаххас саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмиро дар таҳқиқ равшантар нишон медиҳанд.

Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшаванда. Мазмуну муҳтавои асосии диссертатсия дар 6 мақолаи илмӣ мунъакис гардидааст, ки 4-тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд.

Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он. Махсусияти «Садои мардум» ҳамчун нашрияи парлумонӣ, заминаҳои пайдоиш, ташаккули он бо назардошти ҷиҳатҳои мундариҷавию жанрӣ, ки дар диссертатсия ба таври муфассал таҳқиқ шудааст, бар он аст, ки пажуҳиш мукаммал ва баанҷомрасида буда, маводди арзишманд маҳсуб дониста мешавад.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Диссертатсияи аз муқаддима, 3 боб, 7 фасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва номгӯйи таълифоти довталаби дараҷаи илмӣ иборат буда, 183 саҳифаи чопи компютериро ташкил медиҳад.

Дар **муқаддимаи** диссертатсия мубрамияти мавзуи таҳқиқ, дараҷаи омузиши мавзуъ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳои илмӣ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, объект ва предмети таҳқиқ, равишҳо ва навгониҳои таҳқиқ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарию амалии таҳқиқ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ, тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва ғайра ба таври муфассал нишон дода шудаанд.

Боби якуми диссертатсия бо номи **«Омилҳои пайдоиш ва ташаккули нашрияи «Садои мардум»»** аз ду фасл таркиб ёфтааст.

Дар фасли якум, ки **«Вазъи сиёсиву фарҳангии замони бозсозӣ ҳамчун омили таъсиси нашрия»** ном дорад, заминаҳои иҷтимоиву сиёсӣ ва таърихиву фарҳангии таъсиси нашрияи «Садои мардум» баррасӣ шудааст. Унвончӯ омилҳои таъсиси ин нашрияро ба таҳаввулоти сиёсии

замон, таҷрибаи озодандешӣ ва ҳақиқатнигории нашрияҳои даврӣ, қабули Қонуни ҶШСТ «Дар бораи матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма» ва фазои иттилоотии ҷумҳурӣ нисбат дода, дуруст таъкид мекунад, ки «Вазъи сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангии солҳои навадуми садаи бист заминаи воқеиро барои пайдоиш ва ташаккули нашрияи «Садои мардум» ба вуҷуд овард, ки яке аз омилҳои муассири дигари он зуҳури ҷанбаи миллидошта мебошад. Маҳз, ҳамин омил ба шаклгирӣ ва фаъолияти ин нашрия асоси воқеӣ ба вуҷуд овард ва таваҷҷуҳи оммаро ба нашрия зиёд намуд. Ба ин далел, нахустин рӯзномаи парлумонии кишвар дар заминаи ормонҳои муайяни истиқлолхоҳӣ, ҷаҳоншиносӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва миллӣ ба вуҷуд омада, ҳамин тамоюли мусбат ташаккул ва таҳаввули минбаъдаи нашрияро дар тули солҳо муайян намуд» (диссертатсия, с. 29).

Дар фасли дуюми боби аввал, ки **«Марҳилаҳои ташаккул ва таҳаввули рӯзномаи «Садои мардум» пас аз Истиқлоли давлатии Тоҷикистон»** номгузорӣ шудааст, марҳилаҳои ташаккул ва рушди нашрия таҳқиқ ва вижагиҳои онҳо муайян карда шудааст. Унвончӯ фаъолияти рӯзномаи «Садои мардум»-ро бо дарназардошти вазъи сиёсиву иҷтимоии ҷумҳурӣ ба се марҳила: солҳои 1991-2000, 2000-2010 ва аз 2010 то ба имрӯз ҷудо намуда, бо баррасиҳои далелнок вижагиҳои хоси онҳоро нишон додааст.

Боби дуюми диссертатсия **«Вижагиҳои шаклию мундариҷавии нашрия»** ном дошта, қисми нисбатан меҳварии таҳқиқ ба ҳисоб меравад. Дар он вижагиҳои шаклу ороиши нашрия баррасӣ, мавзуъ ва мундариҷаи он тасниф гардидааст.

Дар фасли аввал – «Вижагиҳои ороиш ва дизайни нашрия» ороишу дизайн ҳамчун ҷузъи асосии сохтори мундариҷавӣ ва шаклии нашрияи «Садои мардум» арзёбӣ гардида, хусусиятҳои касбии ороиш ва дизайни рӯзнома дар марҳилаҳои инкишофи он нишон дода шудааст. Аз баррасиҳои унвончӯ бармеояд, ки рангорангии ҳуруф, саҳифаорой, истифодаи акс ва дигар аломатҳои табъу нашр шаклу мундариҷаи нашрияро ба ҳам мувофиқ, ғанӣ ва ҷолиб сохтааст.

Дар фасли дуюми боби дуюм – «Таснифоти мавзуии маводди нашрия» мундариҷаи рӯзнома аз нигоҳи мавзуъ тасниф шуда, вижагиҳои он муайян карда шудааст. Мундариҷаи рӯзнома, пеш аз ҳама, баёнгари мавқеи касбии нашрияи парлумонӣ буда, дар инъикос ва шарҳу баррасии воқеиятҳои ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва адабию фарҳангии Тоҷикистон ва ҷаҳон будааст. Ба ин мазмун, муаллиф мундариҷаи нашрияи «Садои мардум»-ро ба мавзуъ ва масъалаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодию фарҳанг гурӯҳбандӣ карда, бо таҳлилу баррасиҳои муқоисавӣ хусусиятҳои умда ва хоссаи онҳоро муайян намудааст.Фаслҳои ин боб аз

ҷиҳати муҳтаво ва сохтор иртиботи мантиқӣ дошта, барои таҳқиқи масъалаҳои минбаъдаи диссертатсия заминаи илмӣ фароҳам меорад.

Боби сеюми диссертатсия таҳти унвони «**Таносуби жанрҳои публитсистӣ дар рӯзномаи «Садои мардум»**» қисми ҷамъбастии таҳқиқ буда, дар он вижагиҳои жанрии матолиби нашрия, корбурди аносири жанрҳои публитсистӣ, шеваҳои инъикоси воқеиятҳои иҷтимоӣ ва амсоли ин таҳлил гардидааст.

Дар **фасли якуми боби сеюм – «Воқеиятҳои муҳимми рӯз ва инъикоси онҳо дар қолаби жанрҳои хабарӣ»** хусусиятҳои жанрҳои хабарии рӯзномаи «Садои мардум» бо назардошти предмети инъикос, тарзи таҳия, василаҳои хабарсоз, маҳорати хабарнависӣ, усулҳои таҳияи матолиби хабарӣ, анвои хабарҳо, лид дар хабар ва амсоли ин таҳлилу таҳқиқ гардидааст. Аз таҳлилу баррасиҳои унвончӯ бармеояд, ки нашрияи парлумонӣ дар инъикоси воқеаҳои хабарсози сиёсӣ, фаъолияти Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бештар аз жанрҳои хабар, ҳисобот ва мусоҳиба кор гирифтааст. Жанри репортаж дар ин нашрия камтар ба назар мерасад. Истифодаи ин жанрҳо имкон додааст, ки воқеиятҳо ва мушкилоти ҳаёти ҷомеа дар рӯзнома нисбатан пурра ва мақсаднок инъикос ва арзёбӣ шаванд.

Дар фасли дуюми боби сеюм – «Мавқеи жанрҳои таҳлилӣ дар баррасии масъалаҳои сиёсиву иҷтимоӣ», ки аз бахши нисбатан муҳимми ин боб аст, дараҷа ва қонунмандиҳои истифодаи жанрҳои таҳлилӣ дар шарҳу тавзеҳ ва баррасии масъалаҳои гуногуни сиёсӣ, иҷтимоӣ ва адабиву фарҳангӣ баррасӣ гардидааст. Диссертант ба ин натиҷа расидааст, ки жанрҳои таҳлилӣ дар рӯзномаи «Садои мардум» мавқеи хос дошта, ҳамчун василаи муҳим ва муассири инъикоси воқеиятҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва иқтисодиву фарҳангии ҳаёти ҷумҳурӣ аз имконоти худ дарак додаанд. Довталаби дараҷаи илмӣ бо таҳлили маводди таҳлилии нашрия ба хулосае омада, чунин афзудааст: «Рӯзномаи «Садои мардум» дар интишори жанрҳои таҳлилӣ, аз ҷумла, мухбирнома, табсира, мақола ва нигориш роҳу равиши хос ва усулии худро дошта, хусусияти ҳирфаии ин жанрҳоро, пеш аз ҳама, дараҷаи касбияти муаллифон, тарзи фарогирии мавзуъ, масъалаҳо ва сабки нигориш, ки муассириву фасоҳат аз мухтассоти он аст, муайян ва мушаххас менамояд» (диссертатсия, с. 131).

Фасли сеюми боби сеюм «Муаррифии корномаи шахс дар жанрҳои лавҳаву очерк» номгузорӣ шудааст. Аз баррасиҳои дар диссертатсия суратгирифта маълум мегардад, ки яке аз василаҳои шинохти ҳақиқати зиндагӣ ва амалу симои инсонҳои касбу кори гуногун тасвири образнок будааст, ки хоси жанрҳои лавҳаву очерк мебошад. Ба ин мазмун, диссертант бо таҳлилу баррасии лавҳаву очеркҳои дар нашрия ба табъ

расида, нақши воситаҳои тасвири бадеӣ, хусусиятҳои композитсионӣ, образофарӣ ва услуби публитсистиро дар намои инсонҳои намунаи ибрат муайян намудааст. Ба исботи ӯ қаҳрамонони аксари лавҳаву очеркҳои «Садои мардум» дар пешрафти ҷомеа нақши муҳим доштаанд. Очеркҳои рӯзнома вобаста ба моҳият ва миқёси воқеиятҳои мавриди тасвир, ҷаҳони шахсиятҳо мураккаб, пурмаънӣ ва таъсиргузор буда, дар алоқамандӣ ба замони вуқуъ ва нашрашон арзиши иҷтимоӣ, маънавӣ ва ахлоқиашонро то имрӯз ҳифз намудаанд.

Хулоса ва натиҷагириҳои диссертант дар 20 банд манзур гардида, аксари онҳо натиҷаи баррасиҳои бобу фаслҳои диссертатсия мебошанд. Рӯйхати адабиёти истифодакардаи диссертант мувофиқи меъёр ва талаботи феҳристнигорӣ танзим гардидааст.

Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Мазмуни интишороти илмии довталаб муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос менамояд. Натиҷаҳои асосии таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар маҷмуаҳои илмӣ нашр гардидаанд, ки мутобиқати онҳо ба мазмуни диссертатсия мушоҳида мешавад. Диссертатсия аз ҷиҳати сохтор, тарзи таҳияи истинодҳо, рӯйхати адабиёт ва тартиби пешниҳоди маводди илмӣ, дар маҷмуъ, ба талаботи амалкунандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

Мутобиқати таҳассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ. Диссертатсияи Султонов Муҳаммадато Исоевич дар мавзуи ««Садои мардум» – ҳамчун нашрияи парламентӣ» ба талаботи бандҳои 31, 33-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.22. Рӯзноманигорӣ сазовор мебошад.

Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия. Бо вуҷуди дастовардҳои назарраси илмӣ, дар диссертатсия баъзе масъалаҳо ҷиҳати такмил пешниҳод мешаванд:

1. Диссертант дар бахши дараҷаи пажуҳиши мавзуъ адабиёти зиёдро зикр намудааст, ки дуруст аст. Аммо, ба назари мо, дар баробари истифодаи адабиёти ватанӣ, аз адабиёти хориҷӣ бештар истифода мекард, сатҳи илмии кори диссертатсионӣ боз ҳам баланд мегардид.

2. Дар боби II ва III маводди оморӣ (ҷадвал, диаграмма ё фоизи таносуби жанрҳо ва мавзуъҳо аз рӯйи марҳалаҳо) илова карда шавад, то

унвони боби III («Таносуби жанрҳо...») бо далели рақамӣ пуштибонӣ ёбад.

3. Хуб аст, ки диссертант дар фасли дуюми боби дуюм маводди нашрияро аз нигоҳи мавзуъ ба гурӯҳҳо ҷудо намуда, ҳар кадомашро дар алоҳидагӣ баррасӣ кардааст. Агар баррасиҳои унвончӯ дар заминаи усули муқоиса сурат мегирифт, хусусиятҳои умда ва хоссаи мавзуъҳои мавриди инъикоси нашрия боз ҳам равшантар муайян карда мешуд.

4. Дар матни рисола унсурҳои услуби публитсистӣ зиёд ба назар расида, зарур аст, ки матлаби муаллиф дар қолаби илмӣ ифода гардад.

5. Дар матни диссертатсия ҳолатҳои афтидан, изофа шудани ҳарфҳо ва нодуруст гузошта шудани нохунак ба назар мерасад, аз ҷумла, дар саҳифаҳои 2, 5, 8, 152, 161, 163, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор хоҳад буд.

Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия. Диссертатсия дар мавзуи ««Садои мардум» – ҳамчун нашрияи парламентӣ» таҳқиқоти анҷомёфтаи мустақил буда, масъалаҳои муҳимми таърих ва амалияи рӯзноманигории тоҷикро дар асоси таҳлили омилҳои таърихӣ, хусусиятҳои мундариҷавӣ ва жанрии як нашрияи парлумонӣ мавриди омӯзиши ҳамаҷониба қарор додааст. Дар диссертатсия ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқ пурра амалӣ гардида, навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои бадастомада асоснок карда шудаанд. Натиҷаҳои таҳқиқ барои рушди рӯзномнигории амалӣ, таърихи журналистикаи тоҷик ва омӯзиши равандҳои инъикоси воқеияти иҷтимоӣ дар матбуоти даврӣ аҳаммияти муайяни илмӣ доранд.

Муассисаи пешбар чунин меҳисобад, ки диссертатсияи Султонов Муҳаммадато Исоевич дар мавзуи ««Садои мардум» – ҳамчун нашрияи парламентӣ» ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, барои ҳимоя пешниҳод шуданаш асос дорад ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.22. Рӯзноманигорӣ мебошад.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз ҷониби номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи журналистика ва иттилооти рақамии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Сафарзода Хуршед Ҳайдар омода гардидааст.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи журналистика ва иттилооти рақамӣ 14-уми октябри соли 2026 муҳокима ва тасдиқ шудааст. Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 7 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 7 нафар, зид – «нест», бетараф – «нест». Суратҷаласаи №3, аз 14.10.с.2026.

Раиси ҷаласа:
доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос,
дотсент, мудири кафедраи журналистика
ва иттилооти рақамии Донишгоҳи байналмилалии
забонҳои хориҷии Тоҷикистон
ба номи Сотим Улуғзода Наврӯззода Д.С.

Эксперт:
номзади илмҳои филологӣ, дотсенти
кафедраи журналистика ва иттилооти рақамии
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии
Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Сафарзода Х.Ҳ.

Котиби илмии ҷаласа:
номзади илмҳои филологӣ, муаллими калони
кафедраи журналистика ва иттилооти рақамии
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии
Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Сайфиддинова Г.А.

Имзоҳои Д.С. Наврӯззода, Х.Ҳ. Сафарзода ва Г.А. Сайфиддиноваро тасдиқ мекунам:
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии
Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Сиҷоатова М.Ғ.

Суроғаи муассисаи пешбар:
734190, ш. Душанбе, к.Муҳаммадиев 17/6
+992 37 232 50 00; Факс: +992 37 232 50 03;
E-mail: rectorat@ddzt.tj
14-уми октябри соли 2026